«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«_22_» ___01___ соли 2024

# ХУЛОСАИ

## кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна таҳти унвони «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсия таҳти унвони «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шудааст.

Сатторова Дилрабо Қаҳоровна соли 1993 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Ҳамзамон, Сатторова Д. Қ. аз моҳи майи соли 2016 унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода (Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) мебошад. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи мазкур аз 26 майи соли 2016, №10/4-1 тасдиқ шудааст. Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2023, №1/806 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Гулназарзода Жило Бурӣ– доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Диссертатсия бори аввал дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 20. 01. 2024 №5/2 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз натиҷаи баррасии диссертатсия таҳти унвони «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба чунин хулоса омад:

Диссертатсияи Сатторова Дилрабо Каҳоровна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои актуалӣ ва ҷавобгӯйи талаботи замон мебошад, зеро баъзе масъалаҳои мухталифи дастури забон, аз ҷумла ҷанбаҳои қабатҳои маъноии вожаҳо, тарзи корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, доираи корбурди калимаҳо вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои

Абдусалом Деҳотӣ мавриди пажуҳиши амиқу ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд.

**Муҳиммоти таҳқиқ** аз он иборат мебошад, ки мавзуи мазкур хеле мубрам ва актуалӣ буда, дар ташаккули луғатшиносии забон саҳми арзандае мегузорад. Мусаллам аст, ки аз ҷониби забоншиносони тоҷик дар самти луғатшиносӣ рисолаҳои зиёди илмӣ ҳимоя шудаанд, вале доир ба таркиби луғавии ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ маълумоти илмӣ дар забоншиносии тоҷик мавҷуд набуд. Сатторова Д. Қ. дар диссертатсияи худ тавонистааст, ки ба таври назариявӣ ва амалӣ бо овардани далелҳои гуногуни илмӣ мавқеъ ва мақоми калимаро дар луғатшиносӣ собит намояд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки Абдусалом Деҳотӣ фикри худро ба воситаи калимаю ибораҳои хоси интихобкардааш ифода намудааст ва услуби хос ва тарзи баёни нависанда мавқеи муайян дошта, омӯхтани онҳо аз аҳамият холӣ нест.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** моро асару мақолаҳо оид ба қабатҳои луғавӣ-маъноии калимаҳо бахшидаи Н. Маъсумӣ [1959], Р. Ғаффоров [1966], И. Ҳасанов [1966], Б Ниёзмуҳаммадов [1969], Б. Камолиддинов [1967], А. Муъминов [1975], М. Н. Қосимова [1980], Ҳ. Маҷидов [1982], Д.Хоҷаев [191981], Ҳ. Ҳусейнов [1983], С. Сабзаев [1991], Ш. Исмоилов, М. Аҳмадова [1991, 2009], М. Н. Қосимова [1998], Д. Хоҷаев [2007], Ш.Исматуллоҳ [2007], Ҳ. Талбакова [2008], [1975], Саломов [2000], Қ.Мухторӣ [2012), У. Саъдуллоев [2013], Д. Фозилов [2013], М. Мирзоева [2017], А. Шарофиддинова [2017], Ж. Гулназарзода [2022], А. Юнусӣ [2023], В. А. Капранов [1957] А. А. Киреев [1964], В. Н. Клюева [1964], В.В. Виноградов [1968), Н. А. Лукянова [1970], Г. С. Гвеникадзе [1971] ва дигарон ташкил медиҳанд.

Донишмандони мазкур дар асарҳои илмиашон нуктаи назари худро, ки дорои аҳамияти илмианд, баён кардаанд. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия ва таҳқиқи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои асосии назариявӣ ва илмӣ таҳия гардида, дастовардҳои илмии он барои нишон додани қабатҳои луғавии забон ва ба таҳқиқи ояндаи он аз нигоҳи равиши синхронӣ мусоидат менамояд ва дар таҳқиқи вижагиҳои забони осори Абдусалом Деҳотӣ барои муҳаққиқони оянда кумак менамояд. Муқоисаи маводи таҳлилгардида барои муайян кардани раванди инкишофи луғатшиносӣ дар насри тоҷик аҳамияти илмию амалӣ дорад. Низоми муайянгардидаи таҳлили қабатҳои луғавии забон дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ барои таҳқиқи минбаъдаи илмию амалӣ дар ин самт метавонад ҳамчун асос ва замина хизмат намояд.

**Навгониҳои таҳқиқ.** Омӯзиши қабатҳои луғавии забон дар забоншиносии имрӯза дар майдони таҳқиқоти забоншиносӣ навигарии илмӣ ҳисобида намешавад. Асару мақолаҳо оид ба пажуҳиши хусусияти луғавию услуби осори адибон дар даврони муосир хеле зиёд ба назар мерасанд. Дар рисолаи худ мо тасмим гирифтем, ки забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро мавриди пажуҳиш қарор диҳем. Бо

вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки мавзуи интихобнамудаи мо то ин дам дар забоншиносии тоҷик таҳлилу баррасӣ нагардида буд. Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, метавонад ба таҳқиқоти забоншиносӣ маводи нави илмиро илова намояд.

Омӯзиши қабати луғавии осори Абдусалом Деҳотӣ дар роҳи таҳқиқи минбаъдаи масоили марбут ба луғатшиносии забони тоҷикӣ, ҷудо намудани гурӯҳҳои маъноии калимаҳо, мавқеи онҳо дар адабиёти бадеӣ, мавридҳои истифодаи онҳо, хусусияти услубӣ касб кардани ин навъи воҳидҳои луғавӣ ҳам дар сухани тасвирии муаллиф ва ҳам дар нутқи персонажҳо ва амсоли инҳо ба муҳаққиқон кӯмак мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он дида мешавад, ки маводи мавриди таҳқиқ барои омӯзиши забони адабии нимаи аввали асри XX дар оянда заминае хоҳад гузошт. Инчунин, барои таълими фанҳои забони муосири тоҷик, луғатшиносӣ, услубшиносӣ ва хондани курсҳои махсус дар гурӯҳҳои филологӣ кумак хоҳад расонд. Аҳамияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари нависандагии Абдусалом Деҳотӣ ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажуҳишҳои минбаъда хидмат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти забоншиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсияро инҳо таъмин менамоянд: истифодаи заминаи методологӣ ва назариявии пажуҳиш; такя ба маҷмуи усулҳои таҳқиқи қабатҳои луғавӣ, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои таҳқиқ созгоранд; таҳлили сохторию маъноии қабатҳои луғавӣ, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи таҳқиқ ба миён гузошта шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ, дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд, хулосаҳои диссертант дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда собит менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо соҳаи луғатшиносии забон ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** аз он иборат аст, ки дараҷаи омӯзишу таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, усулҳои муосири таҳқиқи қабатҳои луғавиро истифода карда, забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро аз мавқеи диди луғавӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи фаровони забоншиносон ва луғатномаю донишномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои қабатҳои луғавиро дар забони

тоҷикӣ таҳқиқ намуда, таркиб ва сохтори онро муайян кардааст. Дар диссертатсия ва интишороти муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқ инъикос ёфтанд.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода шудааст. Бахшҳои асосии кори мазкур дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода якчанд маротиба мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аз натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои кор муаллиф дар конференсия ва симпозиумҳо маърузаҳо кардааст. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии солонаи ҳайати устодону кормандони собиқ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) 11.04.2022 мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Мундариҷаи асосии диссертатсия дар баромад ва маърузаҳои конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ (1), донишгоҳию (1) ҷумҳуриявӣ (1) ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ (6) ба табъ расидаанд, инъикос шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми 180 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Рӯйхати адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмӣ ва фарҳангу луғатҳо буда, 265 ададро нишон медиҳад.

Кори мазкур бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ таҳия гардида, маводи таҳлилии он дар мувофиқат бо сохтор ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот асос ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия, ки “Қабатҳои луғавӣ-маъноии вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ” номгузорӣ шудааст, доир ба хусусиятҳои маъноии вожаҳо ва нуктаи назари муҳаққиқон дар ин мавриди баҳс мекунад. Боби мазкур 4 зербобро дар бар гирифтааст ва зербоби аввали он “Калимаҳои сермаъно” ном дошта, ба масъалаи сермаъноии калимаҳо ва мавқеи истифодаи он бахшида шудааст. Зербоби дуюм “Омонимҳо” унвон дошта, дар бораи ҷилоҳои услубии калимаҳои омонимӣ дар ҳикояҳои адиб маълумот медиҳад. Зербоби сеюм “Вижагиҳои муродифот” ном дошта, доир ба муродифҳои исмӣ, сифатӣ, муродифҳои ҷуфт ва хусусиятҳои услубии онҳо баҳс мекунад. Зербоби чорум “Корбурди мутазод” унвон гирифта, доир ба истифода ва корбурди мутазодҳои исмӣ, сифатӣ ва зарфию феълӣ маълумоти мушаххас медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия “Мавқеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ” ном дошта, аз 2 зербоб ва зербоби дуюм аз 3 зербоб иборат аст. Зербоби якум “Вожаҳои аслан тоҷикӣ” унвон дошта, доир ба мавқеи истифодаи вожаҳои аслии тоҷикӣ маълумот медиҳад. Зербоби дуюм “Вомвожаҳо” ном дошта, ба зербобҳои “вомвожаҳои арабӣ”, “вомвожаҳои русӣ” ва

"вомвожаҳои туркӣ-муғулӣ" тақсим шудааст ва ҷой ва мавқеи истифодаи онҳо аз тарафи адиб барҷаста нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия перомуни "Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ" баҳс намуда, аз 3 зербоб иборат аст. Зербоби якум "Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ" ном дорад ва доираи истифодаи ин гуна калимаҳо дар ҳикояҳо нишон дода шудааст. Зербоби дуюм "Услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ" унвон дошта, ҷилоҳои услубии ибораҳои фразеологӣ гурӯҳбандӣ шудааст. Зербоби сеюм перомуни "Таснифоти зарбулмасалу мақолҳо" баҳс менамояд.

Натиҷаи бадастовардаи муаллиф дар 8 банди алоҳидаи хулосаи диссертатсия оварда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (солҳои 2021-2023) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчунин, доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Ҷойгоҳи зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д.Қ. Сатторова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих, фалсафа. - Душанбе, 2019. № 3(35). – С.43-51. ISSN 2226-9355.

[2-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар забони ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / О. Маҳмадҷонов, Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих, фалсафа. – Душанбе, 2019. - №4(36). - С. 5-11. ISSN 2226-9355.

[3-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Корбурди калимаҳои туркӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. –Душанбе, 2021. - №2(42). – С. 95-100. ISSN 2226-9355.

[4-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 120-127. ISSN 2413-516X

[5-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Муродифоти ҷуфтистеъмол дар осори Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. - №2(42) – С. 132-137. ISSN 2226-9355.

[6-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Муродифот дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Ж. Б. Гулназарзода, Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. - №4(52) – С. 6-13. ISSN 2226-9355.

**II. Мақолаҳои дар дигар маҷалла ва маҷмуаҳои илмӣ банашррасида:**

[7-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Материалы международная научно-практическая конференция Таджикский государственный институт языков им. Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2021. – С.203-207.
[8-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Калимаҳои сермаъно дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Забон – ҳастии миллат. (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: Мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 80-солагии н.и.ф., дотсент Ҳуснигул Талбакова). – Душанбе, 2023. – С. 150-157.
[9-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Мутазодҳои зарфӣ ва феълӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ" – Душанбе, 2023. – С. 190-193.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 9 нафар, "муқобил" – 0 нафар, " Бетараф" – 0 нафар, суратҷаласаи №5/2 аз 20-уми январи соли 2024.

**Мудири кафедраи забони тоҷикии**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Расулов С. М.**
**Котиби ҷаласа** **Баҳтибекова Д. Х.**
**Имзоҳои С.М. Расулов ва**
**Д.Х. Бахтибековаро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДБЗХТ**
**ба номи С. Улуғзода** **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна**

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 37 2325000;
Факс: +992 37 2325003;
Сомона: www.ddzt.tj